10 09 2019

**Истиклолияти давлатӣ барои ноил шудан ба дастовардхои мухим дар хаёти сиёсиву иктисодӣ, ичтимоиву фархангӣ ва маънавии мардуми точик накши босазо гузошта, ба ташаккули сиёсати давлатӣ дар сохахои гуногуни хочагии халк ва тадричан фарохам овардани имкониятхои васеи рушду такомули онхо дар шароити мураккаби тагйирёбии сохториву чамъиятӣ мусоидат намуд.**
Дастовардхо зиёданд, вале 28 дастоварди бузургтаринеро, ки ба рушду инкишофи кишвар бештар замина гузоштанд, зикр мекунем.
1. 24 августи соли 1990 Эъломияи Истиклолияти Чумхурии Шӯравии Сотсиалистии Точикистон кабул гардид, ки тибки он 9 сентябри соли 1991 Точикистон истиклолияти комили худро ба даст овард ва хамасола ин сана хамчун Рӯзи Истиклолияти давлатии Чумхурии Точикистон бо шукӯху шахомати хосса ва бо шукргузорӣ аз неъматхои гаронбахои он тачлил мегардад.
2. Чумхурии Точикистон 2 марти соли 1992 узви комилхукуки Созмони Милали Муттахид гардид.
3. 16 ноябри соли 1992 Ичлосияи XVI Шӯрои Олии Чумхурии Точикистон дар Касри Арбоб баргузор гардид, ки он унвони “Ичлосияи такдирсоз”- ро гирифт. Зеро ин ичлосия фарзанди фарзонаи миллат Эмомалӣ Рахмонро ба сари кудрат овард, ки аз аввалин рӯзхои фаъолияти кориаш тамоми неруву тавоноиашро барои ободии ин диёр равона сохт.
4. 24 ноябри соли 1992 аз чониби Шӯрои Олии Чумхурии Точикистон Парчами давлатии Чумхурии Точикистон тасдик гардид, ки барои бакои давлату миллати точик яке аз мукаддасоти миллӣ ба хисоб меравад. Бори нахуст Рӯзи Парчами давлатӣ хамчун ид дар кишвар 24 ноябри соли 2009 тачлил карда шуд. 5. Дар Ичлосияи хаждахуми Шӯрои Олии Чумхурии Точикистон ба Нишони (Герб) давлатии Чумхурии Точикистон дигаргунии куллӣ дароварда шуд.
6. 7 сентябри соли 1994 дар Ичлосияи XIX Шӯрои Олии Чумхурии Точикистон Суруди миллии Чумхурии Точикистон кабул гардид.
7. 6 ноябри соли 1994 бори нахуст бо тарзи раъйпурсии умумихалкӣ Конститутсияи Чумхурии Точикистон кабул шуд.
8. 23 феврали соли 1993 Куввахои Мусаллахи Чумхурии Точикистон таъсис ёфт, ки хамасола ин сана тачлил мегардад.
9. Бо талошхои чоннисоронаву пайгиронаи Пешвои миллат нихоят, 27 июни соли 1997 «Созишномаи умумии истикрори сулх ва ризоияти миллӣ миёни точикон» кабул гардид.
10. Тачлили 1100 - солагии аввалин давлати мутамаркази точикон – давлати Сомониён ва 90 - солагии муаллифи китоби “Точикон”, Кахрамони Точикистон, академик Бобочон Гафуров дар соли 1999 гувохи он аст, ки точикон, вокеан, точдору точтабор ва

хирадпешаю сохибтамаддун хастанд.
11. 30 октябри соли 2000 ба муомилот баровардани вохиди нави пули миллии кишвар – Сомонӣ, эълон гардид.
12. Дар даврони давлатдории навин арҷгузорӣ ба солгарди шахрхои таърихӣ ба хукми анъана даромада, аввалин чашне, ки сазовор тачлил гардид 2500 - солагии Истаравшани бостоншахр буд, ки бо иштироки Президенти мамлакат мухтарам Эмомалӣ Рахмон ва мехмонони дохилию хориҷӣ мохи сентябри соли 2002 баргузор шуд. Хамин тарик, солхои минбаъда низ ин икдом идома ёфта,  соли 2006 чашни 2700 – солагии Кӯлоби бостонӣ, соли 2015 чашни 3000 - солагии Хисори шодмон тачлил гардид.
13. Ассамблеяи генералии Созмони Милали Муттахид ташаббусхои неку созандаи Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмонро дастгирӣ намуда, соли 2003 - «Соли байналхалкии оби тоза», соли 2013 - “Соли байналмилалии хамкорӣ дар сохаи об”, солхои 2005 - 2015 - “Дахсолаи байналмилалии амалиёт барои об” ва солхои 2018 - 2028 - ро  Дахсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор” эълон намуд.
14. Соли 2008 дар саросари кишвар Чашни 1150 - солагии сардафтари адабиёти классикии точику форс, маликушшуаро Абуабдуллохи Рӯдакӣ доир гардид. Хамин тарик, гиромидошти шахсиятхои барчастаи илму адаб ва сиёсати точик ба хукми анъана даромада, тибки санаи таваллуду замони фаъолият солгарди мавлуди адибону олимон ва мутафаккирону сиёсатмадорон чашн гирифта мешавад.
15. Соли 2009 – Соли бузургдошти пешвои муаззами мазхаби ханафӣ Имоми Аъзам – Абуханифа Нуъмон ибни Собит эълон гардид.
16. Бузургтарин накбхо, амсоли “Истиклол”, “Шахристон”, “Хатлон” – ро бунёду мавриди истифода карор доданд.
17. Бунёду бозсозӣ ва ба истифода додани шохроххо, роххои охан ва мошингард, аз кабили “Душанбе–Чанак”, “Кулма–Карокурум”, “Душанбе –Кӯргонтеппа–Кӯлоб”,“Душанбе-Бохтар” ва дигар роххои дохилишахриву дохилинохиявӣ барои баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ ва баланд бардоштани сатхи иктисодиёти минтакахои кишвар заминаи боэътимод мебошад.
18. Бо бунёди Неругохи барки обии “Рогун” ва ба истифода додани агрегати якуми он, инчунин, дигар неругоххои хурду бузург дар микёси чумхурӣ яке аз хадафхои стратегии кишвар – расидан ба истиклолияти энергетикӣ амалӣ гардид.
19. Бунёди иншооти фархангиву фарогатӣ, таълимиву варзишӣ ва тиббию истирохатӣ барои мардум, хусусан, насли ояндасози миллат аз дастовардхои назарраси даврони сохибистиклолии кишвар мебошанд.
20. Кабули конунхои Чумхурии Точикистон “Дар бораи танзими анъана ва чашну маросим дар Чумхурии Точикистон” ва “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” аз хадафхои олии Хукумати мамлакат ба хисоб мераванд, ки барои бехбудии вазъи некуахволии мардум ва баланд бардоштани эхсоси ватандӯстиву худшиносии онхо мусоидат менамоянд.
21. Чумхурии Точикистон узви созмонхои бонуфузи байналмилалӣ – Иттиходи Давлатхои Мустакил, Созмони хамкории Шанхай, Созмони умумичахонии савдо, Созмони Ахдномаи амнияти дастачамъӣ, Созмони Амният ва Хамкорӣ дар Аврупо, Созмони давлатхои исломӣ ва гайрахо шуд, ки дар доираи онхо кишвари махбуби мо мизбони якчанд конфронсу форумхои сатхи чахонӣ гардид.
22. Кабули Конуни Чумхурии Точикистон “Дар бораи забони давлатии Чумхурии Точикистон” дар тахрири нав шаходати он аст, ки мардуми хушикболи ин сарзамини

адабпарвар бо роҳбарии Пешвои хирадпешаи хеш муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба таъриху забон ва адабиёту фарҳанг арҷи махсус мегузоранд.
23. Бо ибтикор ва ташаббуси нақиби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва дастгирии Созмони Милали Муттаҳид ҷашни Наврӯз ҷаҳонӣ гардид.
24. Бо ташаббус ва ҳидояти Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон яке аз муъҷизаҳои дасти инсоният, шоҳкории азими халқи тоҷик, маҷмааи фарҳангии "Кохи Наврӯз" ба рӯйхати "8 муъҷизаи Созмони ҳамкории Шанхай" ворид шуд.
25. Эълон гардидани 2018 - "Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" ва 2019-2021 - "Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" барои рушди инфрасохтори сайёҳӣ, муаррифии имкониятҳои сайёҳию фарҳангӣ, ёдгориҳои таърихии меъморию табиӣ дар арсаи ҷаҳонӣ, эҳёву инкишофи ҳунарҳои бадеии халқӣ, бунёду азнавсозии иншооти гуногун заминаи мусоид ва иқдоми хеле нақиб мебошад.
26. Номгузорӣ ва иваз намудани номи аксари шаҳру ноҳияҳо ва маҳалҳои аҳолишин ба номи Қаҳрамонони Тоҷикистон ва халқи тоҷик, чеҳраҳои мондагори илму адаб ва сиёсати тоҷик, санаҳои таърихиву фарҳангӣ аз дастовардҳои муҳим мебошад. Ин иқдом баҳри баланд бардоштани ҳувияти миллии мардуми тоҷик такони ҷиддӣ бахшид.
27. Аз ҷониби Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон эълон гардидани "Саноатикунонии босуръати кишвар" ҳамчун ҳадафи чоруми стратегии мамлакат аз ташаббусҳои муҳими давроки соҳибистиқлолии Ватани маҳбубамон мебошад.
28. Ниҳоят, Ҷашни 30 - юмин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба ин муносибат амалисозии корҳои ободониву шукуфоӣ ва бунёдкорию созандагӣ дастоварди таърихии давлатдории навини тоҷикон ба ҳисоб меравад.
Бинобар ин, чӣ тавре Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид доштааст: "Ватандӯстӣ бахти бузург аст, вале ба қадри истиқлолияти миллӣ ва давлати соҳибихтиёр расида тавонистан бахти аз он болотар аст".

**Орифӣ Озар БАХРОМЗОДА, мутахассиси пешбари**
**раёсати рушди муассисаҳои фарҳангӣ – фароғатӣ**
**ва ҳунарҳои мардумии Вазорати фарҳанги**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**